**ПРОТОКОЛИ №18**
**маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-038**

аз «18» 06 соли 2025 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар азъои шуро 14 нафар

**Муовини раиси шуро:** Аз 16 – нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 ва №318/шд 6-уми сентябри соли 2024 тасдиқгардида 14 – нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 4 – нафарашон докторони илм ва 1-нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Асоев Сайёд Эмомалиевич дар мавзуи «Таъсири ҳосилаҳои аминокислотагӣ-пептидии глитсерин ба нумӯ ва энергияи сабзиши тухми гандум (*Triticum* L.)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия.

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои биологӣ, профессор узви вобастаи Академияи милии илмҳои Тоҷикистон Алиев Қ. ва аъзои комиссия, доктори илмҳои биологӣ, профессор Эргашев А. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Асоев Сайёд Эмомалиевич дар мавзуи «Таъсири ҳосилаҳои аминокислотагӣ-пептидии глитсерин ба нумӯ ва энергияи сабзиши тухми гандум (*Triticum* L.)» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Асоев Сайёд Эмомалиевич дар мавзуи «Таъсири ҳосилаҳои аминокислотагӣ-пептидии глитсерин ба нумӯ ва энергияи сабзиши тухми гандум (*Triticum* L.)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия пншниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Асоев Сайёд Эмомалиевич дар мавзуи «Таъсири ҳосилаҳои аминокислотагӣ-пептидии глитсерин ба нумӯ ва энергияи сабзиши тухми гандум (*Triticum* L.)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- **Раҳимов Исматулло Фатҳуллоевич** - доктори илмҳои тиб, узви вобастаи АМИТ, сарходими озмоишгоҳи фармакологияи Институти химияи ба номи В.И. Никитинаи АМИТ;
- **Атоев Муҳаммадиршод Ҳизбуллоевич** - номзади илмҳои биологӣ, дотсенти кафедраи илмҳои табиатшиносӣ ва риёзии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** - Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ, Озмоишгоҳи генетика ва селексияи растании АМИТ таъин гардад.
4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои ДМТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.
6. Таърихи баргузории ҳимоя 11-уми сентябри соли 2025, соати $10^{00}$ муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор - 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои кишоварзӣ., Сатторов Р.Б.

Котиби шурои диссертатсионӣ
номзади илмҳои биологӣ., дотсент Ҳамидзода Х.Н.